*Бунёди шаҳид Фаҳими Даштӣ*

ЭЪЛОМИЯ

ОЗОДИИ БАЁНУ РАСОНАҲО ДАР АФҒОНИСТОН БА ХАТАРИ СУКУТИ КОМИЛ МУВОҶЕҲ АСТ

24 августи 2023

Ҳамон гуна ки пешбинӣ мешуд, Толибон пас аз ишғоли Кобул дар мухолифати комил бо таъаҳҳудоту ваъдаҳояшон дар музокироти Доҳа ба риояти ҳеҷ арзиши ҳуқуқи башарӣ побанд намонда ва бо даст ёфтан ба қудрату ҳокимият, бештарин садамотро ба ҳуқуқи башар, ҳуқуқи табиии бонувон, арзишҳои озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот ворид карданд. .

Дар ду соли ахир Толибон мактабҳо, донишгоҳҳо, муассисоти таълимю таҳсилро ба рӯйи духтарону бонувон баста, ҳақи кори ононро аз байн бурданд ва ҳатто аз манзил бурун шудани онҳоро монанди даври аввали ҳокимияташон мамнуъ карда ва онҳоро ба хатари марг рӯ ба рӯ сохтаанд.

Нахустин иқдоми Толибон ин буд, ки комиссиюни дастрасӣ ба иттилоотро аз байн бурда, қонуни расонаҳои ҳамагониро манъ карданд, ки дар натиҷа кори бештарин расонаҳову хабарнигорон қатъ шуд.

Ба гузориши созмони “Хабарнигорон бидуни марз”, аз 12 ҳазор хабарнигору корманди расона дар Афғонистон ҳудуди 8000 тан шуғли худро аз даст дода ва 80% занони хабарнигор тарки вазифа кардаанд. Ин созмон меафзояд, ки 43% аз расонаҳои Афғонистон аз саҳнаи корӣ нопадид шуда ва аз август то декабри соли 2021 аз ҷумлаи 10780 корманди фаъоли шабакаҳои хабарӣ дар се моҳи аввали ҳокимияти Толибон фақат 4360 нафар боқӣ монда буд.

Дар канори даҳҳо воқеае, ки дар ду соли охир ба сурати созмонёфта бар зиди меъёрҳои озодии баён рух додааст, ахиран Толибон даст ба иқдомоте задаанд, ки нишон медиҳад ҳар гуна амали онҳо чизе беш аз беҳуда гузаштани вақту барбод додани дастовардҳои мардуми Афғонистон нест.

Бо он ки бисёре расонаҳо ба иллати мушкилоти амниятиву иқтисодӣ аз фаъолият бозмондаанд, Толибон дар вилояти Нангарҳор радио ва телевизиони "Ҳамешабаҳор”-ро баста ва ба дафотири радиоҳои "Нан" ва "Ҷавонон" ҳуҷум карда, фаъолияти онҳоро боз доштаанд.

Дар ҳоле ки намояндагони ҷомеъаи ҷаҳонӣ ба номи муомилаи мустақим ва бо орзуҳои тағйир дар сиёсатҳои сахтгиронаи Толибон бо онҳо мулоқот мекунанд ва ба гузориши дигар, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳудуди 2,25 миллиард долларро дар ду соли гузашта ба Толибон кумак молӣ кардааст, чандин хабарнигору фаъоли ҳуқуқи башар дар банди Толибонанд ва аз сарнавишташон ҳеҷ хабаре дар даст нест. Толибон дар иқдомоти ахирашон Ваҳдати Абдолӣ – хабарнигору аккос дар Ғазнӣ, Фақир Муҳаммади Фақирзай, Раис ва Ҷоноғои Солеҳ – хабарнигори радиои “Калид”-ро дар Нангарҳор, Ҳабиб Сароб – хабарнигори “Ориёно-Нюз”-ро дар Пактиё, Ҳасиб Ҳасан – хабарнигори хабаргузории “Салом, ватандор”-ро дар кундуз гирифтор кардаанд. Ҳамин

гуна се хабарнигори дигар Наҷиб Фарёд – хабарнигори “Оорёно-Нюз”, Ҳотиф Орин ва Сибғатуллоҳ Турон – аз хабарнигорони маҳаллӣ дар ҷараёни таҳияи гузориш аз як ҳодисаи оташсӯзӣ дар вилояти Балх боздошт шудаанд.

Бунёди шаҳид Фаҳими Даштӣ бо накуҳиши сиёсатҳои зиддибашарии Толибон, ки дар бархе манотиқи кишвар то марзи ҷиноят бар зидди башарият ҳам пеш рафтааст, дар дуюмин солгарди ишғоли Кобул аз ҷомеъаи ҷаҳонӣ таваққуъ дорад, то бо аъмоли фишор бар Толибону ҳомиёнашон, заминаи бозгашти демократия ва мардумсолорӣ дар кишвар ва даст ёфтани мардум ба ҳуқуқу озодиҳои табиияшонро фароҳам гардонида ва бо таввачуҳ ба моҳияти Толибон дар ду соли гузашта, саргарми дасисаиву ваъдаҳои дурӯғини онҳо мабнӣ бар тағйироти мусбат нашаванд.

Бунёди шаҳид Фаҳими Даштӣ, бо он ки ҳар гуна ваъдаи бидуни иқдомоти амалии Толибонро хаёли хушбоварона талаққӣ мекунад, аз ниҳодҳои ҷаҳонии муқими Кобул, ба шумули дафтари намояндагиии Созмони Милали Муттаҳид таваққуъ мекунад, то фишори лозимро дар ростои озодии хабарнигорону кунишгарони ҳуқуқи башар, ки дар асорати Толибон ба сар мебаранд, ворид созад ва бо истифода аз ҳар гуна имконот аз сукути комили озодии баёну расонаҳо, ки ҷомеи мо бо он мувоҷеҳ аст, ҷилавгирӣ кунанд.